Promote Dialogue. Prevent Conflict.

# Дар бораи Марказ



Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ (UNRCCA) миссияи махсуси сиёсии СММ мебошад. Дафтари асосии он дар шаҳри Ишқободи Ҷумҳурии Туркманистон ҷойгир аст ва дафтарҳои он дар шаҳрҳои Нур-Султон (Қазоқистон), Бишкек (Қирғизистон), Душанбе (Тоҷикистон) ва Тошканд (Ӯзбекистон) вуҷуд доранд.

Он дар моҳи декабри соли 2007 бо ташаббуси ҳукуматҳои панҷ кишвар (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон) ҷиҳати дастгирии сулҳ ва амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъсис ёфтааст.

Зимни пешниҳоди мазкур, ҳукуматҳо таҳдидҳои бисёрро дар назар гирифтанд, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ бо онҳо рӯ ба рӯ ҳастанд, аз ҷумла терроризм ва экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккил ва харобшавии муҳити зист.

# Изҳороти миссия

Ҳадафи Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ мусоидат ва дастгирии ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар рушди тавоноиҳои онҳо ҷиҳати пешгирии низоъ тавассути муколама, шарикӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ мебошад.

Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ ғайр аз ин бо Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамчун ҳамсояи наздики кишварҳои Осиёи Марказӣ кор мекунад.



# Фаъолиятҳои Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ



Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ бар асоси Нақшаи амали сесолаи худ барои солҳои 2018-2020 дар соҳаҳои афзалиятдори зерин кор мекунад:

- дастгирии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо терроризм ва экстремизм;
- дастгирии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар истифодаи оқилонаи захираҳои обҳои фаромарзӣ;
- омӯзиш додани дипломатҳои ҷавон ва дигар мансабдорони давлатӣ оид ба пешгирии низоъ ва дипломатияи пешгирикунанда.

Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ як маротиба дар як сол ҷаласаи муовинони вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказиро ҷиҳати баррасии мушкилиҳои рӯзномаи минтақа ва таҳияи посухҳои муштарак баргузор менамояд.

Марказ бо ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, дигар идораҳои СММ, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ монанди Иттиҳоди Аврупо, САҲА, ИДМ ва Созмони ҳамкории Шанхай ҳамкории зич дорад.

# Роҳбари Марказ



Хонум Наталя Герман, намояндаи махсуси Котиби генералӣ барои Осиёи Марказӣ роҳбари Марказ мебошад.

Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ аввалин ниҳоди СММ мебошад, ки ба дипломатияи пешгирикунанда – идеали пешгирии низоъ пеш аз вуқӯъи он машғул аст.

# АКАДЕМИЯИ ДИПЛОМАТИЯИ ПЕШГИРИКУНАНДАИ МАРКАЗИ



Ҷавонони то 29 сола бештар аз 50% аҳолии Осиёи Марказӣ ва Афғонистонро ташкил медиҳанд. Онҳо барои дастгирии сулҳ ва рушд дар саросари минтақа иқтидори (потенсиали) азим доранд, вале иқтидори мазкур пурра истифода бурда намешавад. Аксари вақтҳо ҷавонони зиндагикунанда дар минтақаҳои наздисарҳадӣ дорои ҳамон як мушкилот, тарсу ҳарос, умедҳо ва иштиёқҳо мебошанд. Аммо набудани иртибот (коммуникатсия) ва дониш дар бораи якдигар онҳоро аз ҳам ҷудо мекунад ва ҳатто метавонад хусуматро ба вуҷуд оварад. Аз ин рӯ, Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ (UNRCCA) ба наслҳои оянда сармоягузорӣ мекунад, то ба онҳо дар густариши ҷаҳонбиниашон ва муқобилият кардан ба тасаввуроти нодуруст, тасаввуроти васеъ ва тасаввуроти қолабӣ (стереотипҳо) кӯмак кунанд. Робитаи мутақобилаи афзоишёфта барои шикастани монеаҳо, густариши тафаккури ҷавонон ва замина гузоштан ба рушди фарҳанги дипломатияи пешгирикунанда дар минтақаҳои наздисарҳадии минтақа кӯмак хоҳад кард.

Ғайр аз ин, Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ эътироф мекунад, ки робитаи мутақобила бо ҷавонони минтақа барои иҷрои ваколате муҳим аст, ки аз ҷониби Шӯрои амнияти СММ ҷиҳати пешбурди дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ дода шудааст. Ҳамаи аъзои Шӯрои амният аз талошҳои Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ ҷиҳати тақвияти талошҳо барои тамос бо ҷавонон дар машваратҳои охирин оид ба Осиёи Марказӣ истиқбол карданд, ки дар санаи 24 январи соли 2019 дар Ню-Йорк баргузор гардиданд.




Рӯйкарди беназирро қабул карда, Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ се семинари омӯзиширо барузор хоҳад кард, ки дар онҳо ҷавонони синни аз 18 то 29 сола иштирок мекунанд: вилояти Ҷамбули Қазоқистон ва вилояти Таласи Қирғизистон (дар Тараз, Қазоқистон); ВМКБ дар Тоҷикистон ва вилояти Бадахшони Афғонистон (дар Хоруғ, Тоҷикистон); ва вилояти Бухорои Ӯзбекистон ва вилояти Лебапи Туркманистон (дар Туркманобод, Туркманистон).

Иштироккунандагон дар бораи муколама ва ҳамдигарфаҳмии байнифарҳангӣ, роҳбарӣ ва идоракунии низоъ, ки мутобиқ ба ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо мебошанд, омӯзиши амалӣ мегиранд. Ба иштироккунандагон ҳамчунин имконият фароҳам оварда мешавад, ки лоиҳаҳои худро барои пешбурди муколамаи байнифарҳангӣ ва ҳамкориҳои байни сарҳадҳои миллӣ таҳия кунанд. Беҳтарин лоиҳаҳои ҷавонон дертар дар тӯли соли мазкур аз ҷониби худи онҳо дар чорабинии сатҳи баланд муаррифӣ карда мешаванд. Талошҳои аввалияи мазкур танҳо оғози кор мебошанд. Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи пешгирикунанда барои Осиёи Марказӣ тасмим дорад платформаеро барои муколамаи фарогир ва доимӣ бо ҷавонон ва дар байни онҳо ҷиҳати мусоидат ба фарҳанги сулҳ дар берун аз чорабиниҳои имсола созмон диҳад.

Ба ҷавонони минтақа ҳамчунин имконият дода мешавад, ки дар фаъолиятҳои доимии Марказ бо намояндагони баландпояи ҳукумат, иброз намудани назарҳо дар бораи ниёзҳо, идеяҳо ва орзуҳои насли худ дар муколамаи мустақим бо шахсони қарорқабулкунанда дар сатҳҳои баланд ширкат намоянд. Ҳамин тавр, Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ умед дорад то ба ҷавонон имконият фароҳам намоянд, ки онҳо дар ояндаи худ ва ҳамчунин ҷомеаҳои худ саҳми назаррас гузоранд. Тавассути чунин муколама, ки аз ҷониби Маркази минтақавии СММ барои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ дастгирӣ мешавад, сиёсатҳои соҳавии давлат метавонанд ба орзуҳо ва идеяҳои насли ҷавон дар ҳамаи панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ва Афғонистон беҳтар посух диҳанд.

